ТАҚРИЗ

ба рисолаи диссертатсионии Раҳматова Раҳиёнгул Бадарғаевна дар мавзуи Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илми ситорашиносии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърихи илм (6.1.7. таърихи илм ва техника)

Мавриди таҳқиқу пажӯҳиш карор додани ҳаёту фаъолияти илмӣ-эҷодӣ, ҷамъиятӣ, роҳбарӣ ва ташкилотчигии олимони намоёне, ки дар рушди илму маърифати миллӣ ва ҷаҳон аз худ мероси гарони илмӣ бокӣ гузоштаанд қарз ва вазифаи муҳими тадқиқотчиёни илмӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии хеш бо зиёиёни мамлакат санаи 30.05.2024 қайд карданд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, ба мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд.

Дар давраи муосири Тоҷикистон шахсиятҳои маъруф, ки дар самтҳои авзалиятноки илму маориф, техника - технология ва дигар ҷанбаҳои иктисодиву иҷтимоии мамлакат саҳми бузургу арзишманди худро гузоштаанд, дар таърихи илм ва техника бо мероси илмӣ ва дигар корнамоиҳои ҷамъиятиашон сабт гардидаанд.

Ба гурӯҳи чунин чеҳраҳои маъруфи тоҷик, ки дар рушди илмҳои ситорашиносӣ, табиӣ-риёзии ватанӣ ва ҷаҳон саҳми калон гузоштаанд, олими пурмасъул, муаррифкунандаи илми ватанӣ дар арсаи байналмилалӣ, яке аз ташаккулдиҳандаи таҳсилоти олии касбии мамлакат, академик Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷонов мансуб мебошад.

П.Б.Бобоҷонов ҳамчун олими ситорашинос ва созмондеҳ, ташкилкунандаи илми астрономияи муосири тоҷик, ки шахсияти натанҳо маъруф миёни тоҷикон, балки олими сатҳи ҷаҳонӣ, дар рушди илми ватанӣ ва ҷаҳон, махсусан, оид ба илми кайҳоншиносӣ, ситорашиносӣ, соҳаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистони советӣ ва дар даврони соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бориз гузоштааст.

Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар илми муосири астрономия ва физикаю математика, мақом ва нақши ӯ дар рушди илми ватанӣ ҳанӯз таҳқиқ нагардидааст: Ҳамзамон, омӯзиши ақидаҳои ин олим барои ҳолати имрӯзаи илми ватанӣ, аз ҷумла, илми астрономия ва рушди минбаъдаи он дурнамои хуб доҳрад. Бо дарназардошти ин, дар хусуси мубрамияти омӯзиши мероси илмии академик П. Б. Бобоҷонов мавриди баҳс нест.

Дар робита ба ин, муҳим будани интихоби мавзуи мазкур ба талаботи иҷтимоии ҷомеа алоқамандӣ дошта, авзалият мешуморем, ки ба таърих ворид шуда, омӯзиши заминаҳои ибтидоии илми ватаниро аз нигоҳи олим, муҳаққиқ ва ташкилотчии ҷамъиятӣ Пӯлод Бобоҷонов муайян намуда, барои истифодаи наслҳои баъдӣ тавсия намоем.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф ба таври возеҳ саҳми академик П.Бобоҷоновро дар рушди илми астрофизика мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар баёни таърихи ин соҳа саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Раҳматова Р. иборат аз омӯзишу пажӯҳиш ва таҳлилу татбиқи осори илмии академик Бобоҷонов П. ба шумор меравад, ки ӯ мустақилона ва муҳаққиқона аз уҳдаи ин кор баромадааст.

Муаллиф диссертатсияи худро дар ҳаҷми се бобу шаш зербоб таҳлилу таҳқиқ намуда, дар мукаддимаи он мубрамияти мавзуъ ва зарурати омӯзиши

хаёт, фаъолияти илмӣ, педагогӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии академик Пӯлод Бобоҷонов асоснок карда шудааст. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ таҳлил гардида, мавҷудияти осори илмӣ ва маводи марбут ба фаъолияти олим муайян карда шудааст. Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мушаххас гардида, доираи хронологии он муайян карда шудааст. Пойгоҳи сарчашмашиносӣ ва асосҳои методологии таҳқиқот, аз ҷумла, истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, осори илмӣ ва усулҳои таърихию маъхазшиносӣ тавсиф шудаанд. Навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот муайян гардида, нақши Пӯлод Бобоҷонов дар рушди илм ва таҳсилоти Тоҷикистон нишон дода шудааст. Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муҳаққиқ, эътимоднокии натиҷаҳо, апробатсия ва интишороти илмӣ инъикос гардидаанд.

Диссертант Раҳматова Р. дар боби якуми диссертатсия, ки "Ташаккулёбии шахсияти илмӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов" ном дорад ва аз ду зербоб иборат мебошад, марҳилаҳои таҳсил, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, фаъолияти касбӣ ва дастовардҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷоновро мавриди таҳлил қарор додааст. Омӯзиши фаъолияти ӯ нишон медиҳад, ки ташаккули шахсияти илмии П. Б. Бобоҷонов дар заминаи донишандӯзии пайваста, меҳнати пурмасъулият, муҳити мусоиди илмӣ ва ҳамкорӣ бо олимони маъруфи соҳаи астрономия ва астрофизика сурат гирифтааст. Ҳаёт ва фаъолияти олимро яке аз саҳифаҳои муҳимми таърихи илми муосири тоҷик арзёбӣ намуда, таҷрибаи илмӣ ва ҷамъиятии ӯро барои наслҳои минбаъдаи олимон аҳаммияти хоса дошта, нишон медиҳад.

Боби дуюми диссертатсияи Раҳматова Р. "Академик П. Б. Бобоҷонов ва рушди илму маориф ва таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон" номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар он саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-педагогӣ, фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ташкилотчигии ӯ ҳангоми роҳбариаш дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будан, нишон дода шудааст. Зикр ёфтааст, ки яке аз

дастовардҳои асосии П. Б. Бобоҷонов ин таъсиси мактаби илмии астрофизикаи тоҷик мебошад. Маълум мегардад, ки бо роҳбарӣ ва ташаббуси ӯ аз солҳои 1960-1970 то солҳои минбаъда ба омода намудани мутахассисони миллӣ дар соҳаи астрономия ва астрофизика таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Аз таҳлили фаъолияти роҳбарии академик П. Б. Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди таҳсилоти олӣ, ки ба солҳои 1971-1982 рост меояд, маълум мегардад, ки ин давра ба яке аз марҳилаҳои муҳими рушди сохторӣ, илмӣ-таълимӣ ва моддӣ-техникии муассиса арзёбӣ гардидааст. Фаъолияти ӯ ҳамчун роҳбари донишгоҳ ба таҳкими иқтидори илмӣ, беҳтар намудани раванди таълим, рушди сохтори донишгоҳ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва густариши робитаҳои байналмилалӣ равона гардида будааст. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти роҳбарии академик Бобоҷонов П. таъсиси сохторҳои нави таълимӣ ва мутобиқ намудани ихтисосҳо ба талаботи рушди ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Дар солҳои роҳбарии ӯ як қатор кафедраҳо ва факултетҳои нав, аз ҷумла, дар самтҳои иқтисод, геология, биология, таърих, математика, физика ва дигар соҳаҳо таъсис дода шуданд.

Зикр мегардад, ки дар фаъолияти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов ба рушди инфрасохтори моддӣ-техникии донишгоҳ низ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, аз ҷумла сохтмони шаҳраки донишҷӯён оғоз гардида, як қатор биноҳои нави таълимӣ ба истифода дода шуданд.

Диссертант Раҳматова Р. дар боби сеюми диссертатсия “Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди астрономияи тоҷик”, ки аз ду зербоб иборат мебошад, омӯзиш ва таҳлили дастовардҳои илмии олими варзидаи тоҷикро зери назари худ қарор дода, оид ба мероси илмӣ, педагогӣ ва ҷамъиятии ӯ ибрози назар намудааст. Маълум кардааст, ки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии академик Пӯлод Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди астрономияи Тоҷикистон, бахусус астрономияи метеорӣ, мавқеи муҳим дошта, бо омӯзиши ҳамаҷонибаи метеорҳо, кометаҳо, болидҳо, ҷараёнҳои метеорӣ ва астероидҳои

наздизаминӣ, инчунин таҳқиқи равандҳои физикии атмосфера ва ионосфераи Замин алоқаманд мебошад. Фаъолияти илмии ӯ аз солҳои 50-уми асри XX оғоз ёфта, дар давоми чандин даҳсола бо таҳқиқоти назариявӣ, мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ идома ёфтааст. Солҳои 1985-1988 ӯ ба ҳайси президенти комиссияи байналмилалии «Метеорҳо ва ҷирмҳои байнисайёравӣ» фаъолият кардааст. Ин фаъолияти байналмилалӣ барои рушди ҳамкориҳои илмӣ ва ворид гардидани натиҷаҳои таҳқиқоти астрономияи Тоҷикистон ба фазои илмии байналмилалӣ мусоидат намудааст.

Зикр гардидааст, ки натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти илмии П. Б. Бобоҷонов дар зиёда аз 420 мақолаҳо, гузоришҳои илмӣ ва асарҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои ҷамъбастии фаъолияти ӯ асарҳои «Метеорҳо ва бокимондаҳои онҳо», ки соли 1955 ва "Метеорҳо ва мушоҳидаи онҳо " мебошад, ки соли 1987 дар Москва бо теъдоди зиёда аз 94 000 адад ба нашр расидаанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили ҳар се боби диссертатсия чунин хулоса карда мешавад, ки академик П.Бобоҷонов дар ташаккулу пешрафти илмҳои астрофизика, табииётшиносиву риёзӣ саҳми босазо гузоштааст. Воқеан дастовардҳои илмии ӯ дар илмҳои ситорашиносӣ, табииётшиносиву риёзии ва таълифоту таснифоти гаронбаҳои ӯ дар ин соҳа дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муасир гузоштааст.

Умуман, бобҳо ва зербобҳо пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷаи рисола мебошанд. Мазмуну муҳтавои рисола бо автореферат ва фишурдаҳои он, ки ба забонҳои давлатӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дорад. Мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй комилан инъикоскунандаи моҳияти рисола мебошанд. Бояд гуфт, ки диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқоти ҷолиб дар соҳаи таърихи илму техника (илмҳои таърих) ба шумор меравад, ки муаллифашро ҳамчун муҳаққиқи босалоҳият дар соҳаи интихобкардааш, ки соҳаи муҳим мебошад, муаррифӣ мекунад.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки муаллифи рисолаи мазкурро ҳамчун муҳаққиқи соҳа шинохта эътироф кардан мумкин аст ва ӯро дар оянда дар соҳаи интихобкардааш муваффақиятҳои дигар интизор хоҳад буд.

Рисолаи диссертатсионии Раҳматова Райҳона Бадарғаевна дар мавзуи «Саҳми академик Пулод Бобоҷонов дар рушди илми ситорашиносии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7.- таърихи илму техника (илмҳои таърих) тадқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарию амалӣ ва хулосаҳову натиҷагириҳояш ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии мазкур аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад. Автореферат комилан инъикоскунандаи мундариҷаи диссертатсия мебошад.

Роҳбари илмӣ:

Доктори илмҳои таърих, сарходими
илмии шуъбаи таърихи илм ва техникаи
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: Бобоев Хаёл Юлдошевич

Имзои доктори илмҳои таърих Бобоев Х. Ю. тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади
Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон /Файзуллоева Г. Қ.
«03» 08 соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.Тел.: (+992 37) 221-37-42